**ХУЛОСАИ**
Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷииТоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти илми дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)
**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 30.12.2023, №33**

Дар бораи сазовор донистани Шоназаров Зарбахт Музаффарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Диссертатсияи Шоназаров Зарбахт Музаффарович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷума (бар мабнои романи Густав Флобер «Madame Bovary» - «Хонум Боварӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, таҳти № 18/шд тамдидшуда) аз 01-уми июли соли 2023, суратмаҷлиси № 16 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович 10 сентябри соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи зиёи таваллуд шудааст. Солҳои 1997-2008 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6 ноҳияи Ашт таҳсил карда, соли 2012 ба Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2016 хатм намудааст. Солҳои 2018-2020 зиннаи магистратураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода) хатм намудааст.

Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович фаъолияти меҳнатиашро дар кафедраи забонҳои романӣ-германӣ Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оғоз намудааст.

Бо роҳбарии доктори илми филология **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷума (бар мабнои романи Густав Флобер «Madame Bovary» - «Хонум Боварӣ»)»** ба пажуҳиши илмӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илми филология, профессор Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич
**Муқарризони расмӣ:** Парвонахон Ҷамшедов - доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Ҷумаев Тӯйчибой Боқиевич– номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи забони фаронсавӣ д.и.ф., и.в. профессор Султонзода С.А. Донишгоҳи мазкур, ва устодони кафедраи мазкур н.и.ф., и.в. дотсент Бойматова Д.М, котиби илмии ҷаласа н.и.ф., и.в. дотсент Ғаниева М. А. бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илми таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи **Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович** кори ба анҷомрасида ва

мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовор **барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ,** мебошад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд**:

**[1-М]. Шоназаров З.М.** Хусусияти корбурди экзотизмҳои сохторӣ дар асари Г. Флобер "Хонум Боварӣ" ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / З.М. Шоназаров // Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих) - Душанбе, 2021. – №2 (42). – С.103-111. ISSN 2226-9355.

**[2-М]. Шоназаров З.М.** Оид ба мафҳуми экзотизмҳои сохторӣ дар тарҷумашиносӣ (дар мисоли забонҳои фаронсавӣ, англисӣ ва тоҷикӣ) / З.М. Шоназаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №2(91). – С.56-60. ISSN 2219–5408.

**[3-М]. Шоназаров З.М. Турсунов Ф.М.** Бознигарии роҳу воситаҳои тарҷумаи воҳидҳои бемуодили забон дар тарҷумашиносӣ / З.М. Шоназаров. Ф.М. Турсунов// Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих) - Душанбе, 2021. – №4 (44). – С.5-11. ISSN 2226–9355.

**[4-М]. Шоназаров З.М.** Роҷеъ ба таснифи воҳидҳои луғавии бемуодили забон /З.М. Шоназаров // Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих) – Душанбе, 2022. – №2 (46). – С.32-140. ISSN 2226–9355.

**б) Мақолаҳои дар дигар нашрҳои илмӣ ба табъ расида:**

[5-М]. **Шоназаров, З.М.** Роҳҳои интиқоли экзотизмҳои сохторӣ аз забони фаронсави ба забони тоҷикӣ / З.М. Шоназаров // Маводди конференсияи илмию амалии ҳайати профессорону устодон ва донишҷӯёни Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба ифтихори 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зербахши кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума– Душанбе, 2021. – С. 136-143.

**[6-М]. Шоназаров З.М.** Густав Флобер ва мероси адабии ӯ / З.М. Шоназаров // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Саҳми тарҷумонҳои касбӣ дар густариши соҳаи сайёҳӣ (28.05.2021). – Душанбе, 2021. – С.293-298.

[7-М]. Шоназаров З.М. Транскрипсия ва транслитератсия ҳамчун воситаи тарҷумаи вожаҳои бемуодил (дар мисоли забонҳои фаронсавӣ, англисӣ ва тоҷикӣ) / З.М. Шоназаров, Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Ҷанбаҳои забоншиносӣ ва иҷтимоии тарҷума дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот" (28. 10. 2022). – Душанбе, 2022. – С. 175-182.

[8-М]. **Шоназаров З.М.**, Роҷеъ ба хусусиятҳои баъзе гурӯҳҳои экзотизмҳои сохтории забони англисӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забони тоҷикӣ / З.М. Шоназаров, // Международная научно-практическая конференция «Актуальные проблемы языкознания и литературоведения в современном времени» (23 -24. 12.2022). Душанбе, 2022 .-С.272-275.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**:

1. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара Самаридинов Қурбон Наимович мусбӣ буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст:

А). Дар баъзе саҳифаҳои автореферат хатогиҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ низ мавҷуданд.

Б). Агар аз ҷониби муҳаққиқ дар автореферат мисолҳои бештар оварда мешуд, қиммати илмии кор боз ҳам беҳтар мешуд.

2. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва типологияи забони англисии факултети забони англисии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" **Олматова Шрофат Сафаралиевна** мусбӣ буда, ба автореферат як эрод гирифтааст.

А). Дар матни автореферат ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд; (с. 1, 2, 4, 8 ва ғ.)

3. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизова Мастона Ҳамидовна мусбӣ буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст.

А). Агар дар автореферат муаллиф мисолҳоро бештар меовард, кор боз ранги дигар мегирифт.

Б). Дар автореферат хатогиҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд.

4. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ Бобоева Мадина Маруфовна мусбӣ буда, ба автореферат эрод надорад.

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳамияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва нововарии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор донистаанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

**Шурои диссертатсионӣ** қайд мекунад, ки диссертатсияи Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович ба таҳқиқ ва омӯзиши Таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷума (бар мабнои романи Густав Флобер «Madame Bovary» - «Хонум Боварӣ»)» бахшида шуда, таҳлилу баррасӣ гардидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои олам, алалхусус, кишарҳои фаронсавизабон вусъат меёбанд ва муоширати касбӣ миёни соҳибзабонони тоҷик ва кишвари Фаронса ба таъминоти забонӣ ниёз дорад. Гузашта аз ин, таҳқиқоти кунунии забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забонҳои хориҷӣ то ба ҳол бештар дар мисоли забонҳои русиву англисӣ ва ғайра сурат гирифтааст ва шумораи таҳқиқоти масъалаҳои тоҷикӣ-фаронсавӣ ночиз аст, ҳол он ки ҳар ду забон таърихи тулонӣ ва хусусияти хоси забониву фарҳангӣ дошта, аз лиҳози муқоиса ва баррасии масъалаҳои тарҷума ба таваҷҷуҳи хоси мутахассисон ниёз доранд. Бинобар ин, дар диссертатсияи мазкур таҳқиқи масъалаҳои мубрами муқоиса ва тарҷумаи вожаҳои бемуодил дар мисоли забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ бори нахуст дар шакли махсус ва монографӣ сурат мегирад, ки дар раванди омӯзиши мутақобилаи забонҳо ва такмили сифати

тарҷумаҳо дар доираи забонҳои мазкур аз аҳамияти илмию амалӣ бархӯрдор хоҳад буд. Барои мақсадҳои таҳқиқотӣ дар диссертатсия аз матни асари бадеӣ истифода мегардад, ки ин ҳам ба мубрамияти мавзуъ зам хоҳад кард, зеро маводди адабӣ барои таҳқиқоти забонӣ ва хусусияти фарҳангии соҳибзабонон объекти муътамад маҳсуб меёбад.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Дар диссертатсия масъалаҳои таҳлили муқоисавӣ ва тарҷумаи вожаҳои бемуодил аз забони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ бо ҷалби маводди англисӣ дар мисоли асари бадеӣ бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Кори таҳқиқотии мазкур дар раванди ғанигардонии маълумоти назариявӣ оид ба тарҷумаи вожаҳои бемуодил ва омӯзиши забонҳо саҳми арзанда хоҳад гузошт. Бори нахуст вежагиҳои тарҷумаи вожаҳои бемуодил дар доираи забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ муайян карда шуда, таснифоти илмии онҳо асоснок карда шудааст. Ҳамчунин, моҳияти тарҷумаи реалияҳо, экзотизмҳои сохторӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва нидо дар забонҳои муқоисашаванда ошкор гардидааст. Бори аввал вежагиҳои тарҷумаи воҳидҳои лексикӣ, фразеологӣ ва грамматикии бемуодил дар мисоли матни асари бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ нишон дода шудааст.

Вазифаҳои таҳқиқот дар боб ва фаслҳои рисола комилан татбиқ гардидаанд, ки мувофиқатии вазифаҳо ва хулосаҳо аз ин дарак медиҳанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ.** Натиҷаҳои назариявии бадастомадаи диссертатсияро метавон барои рушди забошиносии муқоисавӣ, омӯзиши забонҳои тоҷикӣ, фаронсавӣ ва англисӣ ва инчунин, пажуҳишҳои муқоисавии забонҳо истифода кард. Онҳоро, ҳамчунин, дар дарсҳои назариявӣ ва амалии факултетҳои тарҷумонӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Маводди диссертатсияро барои ҳалли масъалаҳои муҳимми назариявии таълими забонҳои тоҷикӣ, фаронсавӣ ва англисӣ истифода бурдан мумкин аст. Ҳамчунин, натиҷаҳои диссертатсия барои таҳқиқоти минбаъдаи қисматҳои марбутаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ ва, ҳамчунин, ҳалли масъалаҳои назариявии онҳо метавон мавриди корбурд қарор дод.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки тарзу воситаҳои хоси таҳқиқи муқоисавии мавзуи мазкур метавонад дар раванди омӯзиши бахши луғат ва дастури забонҳо ҳамчун маводди муфиди амалӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди истифода қарор гиранд. Аҳаммияти амалии таҳқиқ боз ҳам дар он аст, ки қолабҳову намунаҳои таҳлил метавонад ҳангоми таҳқиқи воҳидҳои монанд дар мисоли забонҳои дигар, таҳияи дастурҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ мавриди истифодаи амалӣ қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи мавриди назар дар асоси маводди ғании назариявию амалӣ таҳлилу баррасӣ шуда, бо нуктаҳои мушаххас, маводди гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаҳои гузоштушуда таҳқиқ шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар рафти таҳқиқ дар он дида мешавад, ки мавзуи таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодили забонро дар доираи илми забоншиносии муқоисавӣ, дар маводди забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ бо ҷалби маводди забони англисӣ аз ҷониби муаллиф бори нахуст ба таври фарогир мавриди пажуҳиш қарор гирифта, муаллиф дар ин самт муваффақ гашта, ба натиҷаҳои ҷашмдошт ноил шудааст. Ҳангоми таҳсил дар докторантураи назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муаллифи диссертатсия аз рӯйи он марҳила ба марҳила кори таҳқиқотӣ бурда, маводди арзишманди назариявӣ ва амалӣ ҷамъоварӣ намудааст ва ба натиҷаҳои мантиқӣ ноил гаштааст, ки муҳтавои асосии онҳо дар нашрияҳои муҳаққиқ дар маҷаллаҳои таҷризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Диссертант муаллифи 8 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 30 декабри соли 2023, №33 дар бораи ба Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021302 Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, ки аз инҳо 5 нафарашон мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ аз 11 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда, 11 нафар овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раисикунандаи Шурои
диссертатсионӣ, профессор Ҷабборова М.Т.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, дотсент Ҳасанова Ш. Р.
30.12.2023с.

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС